السنّة النبوية وعلومها
www.sunnah.global

# Савганд ба зоте, ки ҷони ман дар дасти Ӯст, писари Марям ба зудӣ дар миёни шумо ба унвони довари одил фуруд меояд ва салибро мешиканад ва хукро мекушад ва андозро мебардорад ва молу сарват фаровон мешавад, ки касе онро намепазирад

Аз Абуҳурайра (разияллоҳу анҳу) ривоят аст, ки гуфт: Паёмбар (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) фармуданд: "Савганд ба зоте, ки ҷони ман дар дасти Ӯст, писари Марям ба зудӣ дар миёни шумо ба унвони довари одил фуруд меояд ва салибро мешиканад ва хукро мекушад ва андозро мебардорад ва молу сарват фаровон мешавад, ки касе онро намепазирад."
[Саҳеҳ] [متفق عليه]

Паёмбар (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) ба наздик шудани фуруд омадани Исо ибни Марям (алайҳис-салом) савганд ёд мекунад, ки ӯ бо омаданаш дар миёни мардум бо адл ва мувофиқи шариати Муҳаммадӣ доварӣ мекунад. Ва ин ки ӯ салиберо, ки насрониҳо таъзимаш мекунанд, мешиканад. Ва ин ки Исо (алайҳис-салом) хукро мекушад. Ва ин ки ӯ ҷизяро аз миён бармедорад, ва мардум ҳама бояд ҳангоми омадани ӯ мусалмон шаванд. Ва ин ки молу сарват он қадар зиёд мешавад, ки касе онро намепазирад, зеро сарват фаровон мешавад. Ин ба сабаби нузули баракат ва сарозер шудани пай дар пайи хайрот мешавад, ки дигар ҳар кас аз доштаи худ қаноат мекунад ва аз мол бениёз мешавад.

https://sunnah.global/hadeeth/tg/show/65025

النجاة الخيرية
ALNAJAT CHARITY
لجنة الدعوة الإلكترونية
EDC E-Da'wah Committee